# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи доктории Аъзамов Субҳончон Баҳромчонович дар мавзуи “Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX-нимаи аввали садаи XX” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Рисолаи муҳаққиқ Аъзамов Субҳончон Баҳромчонович ба яке аз масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносӣ - таҳқиқи сатҳ ва дараҷаи афкори адабӣ назарӣ, таърихию интиқодии мутафаккирони охири асри XIX ва нимаи аввали садаи XX, ташаккули нақди адабӣ, дақиқтараш афкори адабӣ назарӣ-интиқодии ин марҳила бахшида шудааст. Пажӯҳиш ва омӯзиши масъалаи мазкур аз дидгоҳи наву тоза барои дақиқан муайян намудани хусусиятҳои ба худ хоси марҳилаи хеле муҳими таърихи танқиди адабии тоҷик, хусусан пайгирии фаъолияти мутафаккирони ин аҳд аҳамияти вижа дорад. Таҳқиқи масъалаи нақду наққодии марҳилаи тозаи адабиётшиносӣ, шинохти равандҳо ва махсусияти нақди адабии тоҷикӣ дар ин давраи таърихӣ қобили омӯзиш аст ва барои дарки моҳияти эстетикӣ ва иҷтимоии адабиёт, дарки муҳити алабӣ ва равандҳои адабӣ хидмат менамояд. Зеро “афкори адабии маорифпарварону ҷадидон аз суннатҳои хоси нақд-уш-шеъри форсии тоҷикӣ баҳраманд мебошад”. Аслан дар хусуси ин масъала дар тадқиқоти олимони тоҷик ва китобҳои дарсӣ ҷо-ҷо афкори илмию назарӣ мавҷуд аст. Аммо айнан афкори адабӣ-танқидии охири асри XIX ва ибтидои асри XX - ро мавриди пажӯҳиш ва омӯзиши ҷиддӣ қарор додани муҳаққиқи ҷавону чирадаст С.Аъзамов бесабаб нест, зеро мӯҳтавои рисола ва мундариҷаи он собит менамояд, ки муаллифи кор аз фаъолияти босамари маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX комилан бархурдор аст ва масъаларо амиқан мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Аз ҳамин назар, мавзуи пажӯҳишии мазкур дорои аҳамияти муҳимми илмӣ ва назарӣ мебошад.

Маорифпарварони охири асри нуздаҳ ва таҷаддудхоҳони авали асри бист масоили муҳимтарини замони худро, аз қабили арзиши шеър, моҳияти касби шоирӣ, ағрози шеъру адаб дар замони нав, тағьири муносибат ба осори ҳунарӣ мавриди омӯзиш ва ҷустуҷӯ қарор додаанд ва ин иқдомоти шоиста дар таҳқиқи фаъолияти эҷодию адабии мутафаккирони давр, хосатан дар бахши нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ хеле қавӣ буда, гузориши ин масъала метавонад барои ба вуҷуд омадани қадамҳои аввали устувор баҳри таҳқиқи мактаби илмию пажӯҳишӣ дар бахши илми таърихи адабиётшиносии тоҷик мусоидат намояд.

Дар рисола вобаста ба дигаргуниҳои таърихию адабӣ баррасии ҳамаҷонибаи моҳияти иҷтимоию эстетикии адабиёт, раванди адабӣ дар мисоли эҷодиёти саромади ҷараёни маорифпарварӣ Аҳмади Дониш ва ҳаммаслакони ӯ Шамсиддин Шоҳин, Возеҳ, Мирзо Сироҷ, Абдуррауф Фитрат ва дигарон, таҳқиқи масъала ва анъанаи тазкиранависӣ, дубора ҷон гирифтани тазкиранигорӣ дар ин аҳд хеле муҳим буда, ин гуна равиши таҳқиқ муҳаққиқро ба шинохти воқеии ҷараёни илмию адабӣ ҳидоят намудааст ва арзиши рисолаи илмии муҳақиқро як бар чанд афзудааст. Ба ҳар ҳол аз назари инҷониб, муҳаққиқро шояд лозим меомад, ки мурӯре ба вазъи сиёсию иҷтимоии давр мекард ва онро аз дидгоҳи нав баррасӣ менамуд. Ин ҷиҳат ҳам ҳаст, ки ин масъала борҳо ва такрор-ба такрор дар тадқиқоти олимони тоҷик мавриди муҳокима қарор ҳам дошт.

Ин марҳилаи таърихи адабиётшиносӣ аз зинаҳои муҳими ташаккули таърихии илми адабиётшиносӣ аст. Чуноне ки худи муҳаққиқ баъло таъкид менамояд "Дар он марҳалаи афкори сухансанҷӣ нақди иҷтимоӣ дар осори адабии адибони равшангар ҷойгоҳи чашмрас ба даст овард, адибон назари томравояшонро дар қолабҳои осори манзуму мансур, дар осори тазкиравӣ, таърихномаҳо ва жанрҳои хоси матбуотӣ баён кардаанд. Бо падид омадани матбуоти миллии форсӣ-тоҷикӣ дар Бухоро дар равиши баррасии осори манзуму мансур, усули маърифат ва оҳанги баён бо корбурди жанрҳои нақди адабӣ қадами наве ба миён гузошта шуд".

Бо вуҷуди ин муҳокима ва мушоҳидаҳо муҳаққиқро водор намудааст, ки тарзу усули ҳалли масоили мавриди таҳқиқро бо назардошти дастовардҳои тозаи афкори таърихию адабӣ ва тамоюлоти методологии таҳқиқоти солҳои охир дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккули равандҳои адабӣ, аз ҷумла нақди адабӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина вижагиҳои хоси осори илмӣ, адабӣ ва тарҷумонии адибро муайян намояд, ки инро яке аз дастовардҳои муҳимми рисолаи мазкур метавон арзёбӣ намуд.

Рисолаи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович "Афкори адабии тоҷик дар охири садаи XIX-нимаи аввали садаи XX" унвон дошта, он аз муқаддима, чор боб, бисту як фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, онро аз рӯи маводи пажӯҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Муқаддимаи рисола тибқи низомномаи КАО таҳия шуда, дар он аҳамият ва дараҷаи омӯзиши мавзуи тадқиқотӣ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола, аҳамияти илмию амалии тадқиқот, навоварӣ ва масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст. Аллакай аз муқаддимаи кор дарк кардан мумкин аст, ки он чӣ аз лиҳози сабку услуб ва чӣ аз ҷиҳати гузоришоти масоили атрофи мавзӯъ тамоман кори нав аст.

Боби якуми рисола “Заминаҳои шинохти афкори сухансанҷии навини тоҷик” унвон дошта, дар он масоили равиши накди мавзуиву ғоявӣ ва жанрӣ, хусусиятҳои бадеии осори адабӣ-интиқодӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Дар зерфаслҳои ин боб, ки ба масъалаҳои адабиётшиносӣ ва накди адабии навини тоҷик ва сарчашмаҳои накди адабии давраи равшангарӣ, баррасии масоили анъанавию тозакориҳои равшанфикрони замон таҳлилу баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ зимни таҳқиқи масъалаҳои умдатари таърихи адабиёт, тарҳрезии барнома ва таълифи китобҳои таърихи адабиёт ҳамеша ба муаммои даврабандии адабиёт мутаваҷҷеҳ мешавад. Аз назари муҳаққиқ накди давраи равшангарӣ, ки аз замони зиндагиву фаъолияти Аҳмади Дониш оғоз шуда, то маҳкум шудани ҷадидон дар давраи шуравӣ мерасад. Дар ин марҳала ҷавҳари ҷусторҳои адабӣ ва накдро саъйу талош барои худшиносӣ, таълиму тарбияи миллӣ ва тарғиби шукуфоии маънавии аҳли ҷомеа, тарғиби мактабу маориф бо такя ба андӯхтаҳои руҳии гузаштагон ва ғ. ташкил медиҳад.

Замони зуҳури накди маорифпарварӣ ва ҷадидӣ даҳсолаи охири садаи Х1Х ва ду даҳаи аввали садаи ХХ бист мебошад, ки матолиби он дар осори адабӣ, илмӣ ва таърихии адибони маорифпарвару ҷадид, муаррихон, тазкиранигорон ва осори матбуоти нави тоҷик сабт шудаанд. Накди давраи шуравӣ, ки ба ду марҳала ҷудо мешавад:

а). Накди давраи пирӯзии ғояҳои атеистӣ, моддигароӣ ва асолатзудоии ҷомеаи шуравӣ, ки аз нимаи дувуми солҳои 20-ум оғоз ёфта, то миёнаҳои солҳои 50-уми садаи ХХ идома дошт.

б). Адабиёти давраи ҷустуҷӯи нисбии асолат ва арзишҳои милливу инсонӣ, ки ба тадбири сиёсии сарвари вакти шуравӣ Н. С. Хрущев – нарм шудани фазои иҷтимоиву фарҳангии нимаи дувуми солҳои 50- уми садаи бист иртибот дорад. Бо ин даъво муҳаққиқ як навъ даврабандии афкори адабӣ-назарии то ин муддат амалкунандаро низ тағйиру табдил дода, тарҳи наверо дар ин масъала роиҷ медонад, ки мантиқан қобили қабул аст.

Боби дуюми рисола “Вазъи сухансанҷӣ дар охири асри XIX ва нимаи аввали садаи ХХ” унвон дошта, яке аз қисматҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад. Ҳамин боби кор ҷамъулҷамъ аз панҷ фасл ва панҷ зерфасли дигар таркиб ёфта, дар бахши аввали он оиди масъалаҳои таҳқиқ ва табъу нашри манбаъҳои адабиву илмӣ, саҳми равшангарон дар арзёбии осори адабӣ, маҳфилҳои сухан ва анъанаи накди адабӣ, тазкираҳо ва арзиши сухан аз назари тазкиранигорон, аҳамият ва разиши тазкираҳои давр дар омӯзиши матни интиқодии осор, манбаъҳо ва маъхазҳои “Намунаи адабиёти тоҷик” дар ин давр, инъикоси афкори адабӣ-назарӣ ва интиқодӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” мавқеи Садриддин Айнӣ ва накди сиёсиву иҷтимоӣ, масъалаҳои

мубрами накди адабии ин марҳила ва пайдоиши аввалин китоби таърихи адабиёти навини тоҷик ҳаллу фасл шудааст, ки хеле доманадор ва фарогири масъалаҳои умдатарини накди адабӣ дар ин марҳила ба шумор меравад. Муҳаққиқ дар ин боб фаъолияти мунақидии баъзе аз мутафаккирони даврро, хосатан арзиши амалию назарии осори мухталифи рӯшангарон ва таҷаддудхоҳони замонро дар баррасии вазъи накди адабӣ хеле густурда ба муҳокима мекашад, ки донишмандони илмҳои филологиро айнан ҳамин паҳлӯи масъала шавқовар аст. Ҷиҳати муҳими ин боби кор дар он аст, ки айнан зимни ҳамин боб як навъ консепсияи хоси андешаву орои муҳаққиқ роҷеъ ба таҳқиқи мушкилоти назарӣ ва амалии накди адабии тоҷикӣ тарҳрезӣ шудааст ва метавон зимни он тадқиқоти минбаъдаи ин соҳаро аз рӯи ҳамин тамоюлот пайгирӣ кард. Ҷиҳати муҳими ин боб ва фаслҳои он дар он аст, ки С.Аъзамов масъаларо дар асоси тамоюлоти типологӣ баррасӣ намуда, на фақат афкори адабӣ назарии равшанфикрони тоҷик, балки онро дар муқоиса бо вазъи фарҳангию маданӣ, афкори адабӣ назарии машрутахоҳони Эрон ба таҳқиқ мекашад.

«Ҷойгоҳи классикони адабиёт дар баррасиҳои илмии нимаи аввали садаи XX» ном дошта, дар он фаслҳои «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ниёзҳои нави шинохти адабиёт», «Абулқосими Фирдавсӣ аз диди сухансанҷони замони нав» дар мисоли фирдавсишиносӣ ва ҷусторҳои Абулқосим Лоҳутӣ фароҳам омада, ҳамчунин дидгоҳҳои аҳли таҳқиқ оид ба рӯзгору осори Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва Камоли Хуҷандӣ дар оинаи адабиётшиносӣ баррасӣ шудаанд. Дар ин боб ва фаслҳои рисола мактаби рӯдакишиносӣ, таҳқиқи аҳвол ва осори адибони мухталиф, аз қабили: Абулқосим Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ, таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти Носири Хисрав, Камоли Хуҷандӣ ва ғайраҳо ба муҳокимаи илмӣ кашида шудааст.

Боби чаҳоруми рисола “Ноқидони адабиёт ва давраи нави накди адабӣ” унвон дошта, дар панҷ фасли алоҳида фаъолияти мунаққидии С.Улуғзода, А.Деҳотӣ, Х.Мирзозода, Ш.Ҳусейнзода, А.Мирзоев, Л.Бузургзода ва дигарон бо сарварии С. Айнӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Хулосаҳои кор дар 15 банд ҷамъбандӣ гардидаанд, ки куллан ба мазмун ва мӯҳтавои мундариҷаи кор мутаносибанд. Дар он фишурдаи афкори муҳаққиқ доир ба боб ва фаслҳои кор мушаххасу мӯъҷаз ҷамъбаст гардидаанд.

Дар нисбати фишурдаи рисолаи мазкур ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки он моҳияти рисолаи мазкурро пурра ифода мекунад ва сабку забони он ҳам ба талаботи илмӣ ҷавобгӯй мебошад. Бо вуҷуди ин, дар фишурда баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва забонӣ ба назар мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии муосир бори аввал дар ин ҳаҷм ва ин мӯҳтаво афкори адабӣ назарӣ ва танқидии мутафаккирони

охири асри XIX ва нимаи аввали садаи XX, ки хеле печ дар печ асту ихтилофи назарҳо дар он бисёр аст, ба доираи пажӯҳиш кашида шуда истодааст. Аз мазмуну мундариҷаи рисола ва фишурдаи он пай бурдан душвор нест, ки рисола дар пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба нақди адабӣ аз ҷиҳати илмӣ пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта мебошад.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар тадқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Ба назари мо, муҳаққиқ бояд ба баъзе мақолаву гузоришоти олимони ӯзбекистонӣ, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони ӯзбекӣ бевосита ба таҳқиқи масоили мухталифи ҳамин давраи таърихи адабиёт ва танқиди адабӣ ва айнан таҳқиқи фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Аҳамади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Мирзо Сироҷ, Абдурррауф Фитрат, Саидаҳмади Аҷзӣ бахшида шудааст, аҳамият медод ва ин ҷиҳатро ба инобат мегирифт, хуб буд.

2. Афкори назарӣ-интиқодии баъзе аз рӯшанфикрон ва таҷаддудхоҳон ба таври муқоиса камтар таҳқиқ шудааст ва бояд ин ҷиҳати масъала дар корҳои минбаъда ба инобат гирифта шавад.

3. Хулосаҳои муҳаққиқ дар нисбати осори бадеию таърихӣ ва фалсафию иҷтимоӣ ва ахлоқию таълимии маорифпарварон ва таҷаддудхоҳон ба тарзи ифодаи соддаву мӯъҷазу мушаххас ниёз дорад, зеро бандҳои хулоса айнан ҳамин чизро тақозо доранд ва дар баъзе бахшҳои он зиёдагӯӣ ба мушоҳида мерасад.

Мулоҳизоте, ки дар бахши камбудӣ ва норасоиҳои тақриз нишон дода шуданд, аслан нуқсонҳои ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ ва ҳеч гоҳ дараҷаву сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби муаллифи кор дар тадқиқоти минбаъда ба инобат гирифта мешаванд.

Аз ин ҷиҳат, рисолаи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзӯи “Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX-нимаи аввали садаи XX” ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, комилан ба талабот ва меъёрҳои рисолаи докторӣ мутобиқу мувофиқ аст ва бахшу қисматҳои он ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Доктори фанҳои филологӣ,
профессори кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба номи Шароф Рашидов С.Саъдиев

Доктори фанҳои филологӣ (DSc),

мудири кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **Хӯҷақулов С.Х.**

Имзои С.Саъдиев ва С.Х.Хӯҷақуловро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
давлатии Самарқанд ба номи
Шароф Рашидов **И.Бӯриев**

ning imzosini
tasdiqlayman
Sharof Rashidov nomidagi
SamDU xodimlar bo'limi boshlig'i

XODIMLAR BO'LIMI

Суроға:
140102, Ҷумуҳрии Ӯзбекситон,
н.Самарқанд, Маҳаллаи Оқмачит,
хонаи рақами 24.
Сомонаи муассиса: https://samdu.uz.
Тел: +998 (97) 775-19-37.
E-mail: **sa_diev_sadri37@mail.ru**
140103, Ҷумуҳрии Ӯзбекситон,
н.Самарқанд, Маҳаллаи Янги ҳаёт, 2/99.
Сомонаи муассиса: https://samdu.uz.
Тел: +998 (91) 536-74-88.
E-mail: **sirojiddinxodjaqulov1976@gmail.com**

«24» мая 2024.